# Тақриз

**ба диссертатсияи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич дар мавзуи «Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисосиси 10.01.01– Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ**

Дисертатсияи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич аз рӯйи мазмуну мундариҷа ва мухтавои худ бо ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мувофиқат менамояд.

Диссертант таъкид менамояд, ки дар адабиётшиносии муосири тоҷик роҷеъ ба осори насрии ҷанбаи ёддоштидошта якчанд асару мақолаҳои Н. Салимов, Н. Бозоров, Ҳ. Бокиев, Н. Нурзод ва дигарон ба қалам омадаанд, ки қисмате аз онҳо ба масъалаи таҳаввули жанри сафарнома чун асари дорои ҷанбаҳои ёддоштӣ бахшида шудаанд.

Сохтори диссертатсия дар мавзуи “Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик” аз мукаддима, се боб, шаш фасл, хулоса, феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда иборат мебошад.

Муқаддимаи дисертатсия мувофиқи талаботи мукарраршуда таҳия гардида дар баробари аҳамият ва зарурати баргузории таҳқиқот ва дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ, заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот, ҳадафи таҳқиқот, объекти таҳқиқот муайян шудаанд.

**Боби аввали диссертатсия “Идомаи суннати ёдоштнависӣ дар адабиёти муосири точик”** унвон дошта, аз се фасл иборат аст.

Таҳқиқи таснифоти анвои наср дар адабиёти навини тоҷик фасли аввали диссертатсияро ташкил медиҳад. Дар ин фасл роҷеъ ба рушду инкишофи осори насрии форсу тоҷик сухан меравад.

Диссертант дар бахши дуюми боби якум – ро **“Жанри ёддошт ва сайри таҳаввули он дар адабиёти форсу тоҷик”** жанри ривоятиро яке аз мухимтарин вижагиҳои ёддоштнависӣ жанри ривоятиро яке аз муҳимтарин

вижагиҳои ёдоштнависӣ ба қалам дода, таҳлил менамояд. Диссертант дуруст дарк карда тавонистааст, ки У. Раҷаб жанри ёддоштро такмил дода тавонистааст дар асарҳои бадеият аз он баҳра бардорад.

Суннатнигорӣ ва навпардозӣ дар ёддоштнависии муосири тоҷик фасли сеюми боби якуми диссертатсияро ташкил медиҳад. Диссертант дар ин қисмат насри ёддоштии У.Раҷабро дар даврони истиқлолият ҳамчун як падидаи тозае мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Боби дуюми диссертатсия- **«Убайд Раҷаб ва идомаи суннату шеваҳои хоси ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик»** аз ду фасл иборат аст. Диссертант қайд менамояд, ки У.Раҷаб бештар дар асарҳои ёддоштии худ забони табақаи поёнии ҷомеаро то тавонад ба ин васила дардҳои мардумро воқебинона тасвир намояд. Инчунин, роҷеъ ба забону услуб ва сабки фардии адиб дар ин боб диссертант сухан дар миён мегузорад.

Тасвири шахси воқеӣ дар повести «Марди майдони талош» фасли дуюми боби дуюмро ташкил намуда, диссертант дар бораи як тан фидоӣ, подполковники мустаъфии хадамоти умури дохила Олмуҳаммади Раҷаб, ки қаҳрамони асосии асари ёддоштии Убайд Раҷаб маҳсуб мешавад, баҳс менамояд.

Боби сеюми диссертатсия **«Таъсирпазирӣ аз суннатҳои классикии ёддоштнависӣ ва таъсиргузорӣ ба ёддоштнависии муосир»** ном дошта, фарогири се фасл мебошад. Дар фаслҳои он масоили адабии Мирзо Турсунзода дар китоби «Зинда ба ишқ» симои бадеии адибони тоҷик дар осори ёддоштии Убайд Раҷаб, чеҳраи Убайд Раҷаб дар ёддоштҳои аҳли илму адаб дар меҳвари таҳқиқот карор дода шудааст.. Боби зикргардида ба асоситарин масъалаҳои ёддоштнависӣ ва таъсирпазирию таъсиргузории Убайд Раҷаб бахшида шудааст.

Диссертант масъалаҳои матраҳгардидаро дар диссертатсия хело нуктасанҷона таҳқиқу баррасӣ намудааст.

Дар диссертатсия ва автореферати он баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо низ ба назар расиданд, киислоҳи онҳо аз манфиат холӣ нест.

Камбудиҳои мазкур ислохпазир буда, ба моҳияти илмии кор халал ворид намекунад.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия дарҷ гардидааст, ки оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудаанд, ки моҳияти диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд. Муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисосиси 10.01.01– Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мебошад.

19.04.2022.

**Муқарриз:**Номзади илмҳои филологӣ,
директори Маркази илмӣ-таҳқиқотии
"Мавлоношиносӣ"-и Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав Раҷабалӣ Худоёрзода

Имзои Р. Худоёрзода –ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва махсуси ДДБ
ба номи Носири Хусрав: Шукурзода Ҷ.А.

734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон
Нишонӣ:735140ш. Бохтар, кӯчаи
Айнӣ 67, Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав
Тел: (8 32 22) 2-45-20; 2-22-53
E-mail: ktsu78@mail.ru